## Пардохти маблағи патенти кор

Ҳангоми пардохти маблағи НДФЛ ба андозаи 3800 рубл барои ҳар моҳи оянда патент ба таври автоматӣ ба муҳлати пардохтшуда дароз карда мешавад. Дар сурати сари вақт насупурдани маблағ амали патент қатъ карда мешавад.

Ҳисоби моҳҳо аз санаи гирифтани патенти кор, ки дар ҳуҷҷат нишон дода шудааст, сар мешавад. Пардохти маблағ на дертар аз 1 рӯзи ба охир расидани муҳлати пардохтшудаи моҳи корӣ бояд сурат гирад.

Пардохти патенти корро пешакӣ ба муҳлати то 12 моҳ аз санаи гирифтани патенти кор анҷом додан мумкин аст.

> *Ҳатман чекҳо (расидҳо)-и тасдиққунандаи пардохтро бо худ нигоҳ доред.*

**Дар муҳлати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России (Сараёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия) нусхаи шартномаи меҳнатиро бо корфармо – шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ фиристонед.**

Патент ба Шумо ҳуқуқ медиҳад, ки то тамом шудани муҳлати амали он дар Санкт-Петербург зиндагӣ ва мувофиқи ихтисоси дар он сабтшуда кор кунед. Бо тамом шудани муҳлати амали патент аз ФР рафтан лозим аст.

**Пардохти маблағҳои андози патенти кор зарурияти идома додани муҳлати қайди сабти баҳисобгирии муҳоҷиратро аз байн намебарад! Муҳлати қайди сабти худ (регистратсия)-ро мувофиқи давоми муҳлати пардохти маблағи патенти кор дароз кунед!**

Шумо метавонед патенти кори худро аз нав ба қайд гиред. Барои ин дар муҳлати на дертар аз 10 рӯзи корӣ то анҷоми муҳлати амали он ариза додан зарур аст. Бо ин мақсад бо ариза оид ба дароз кардани муҳлати патент ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия) муроҷиат кардан лозим аст.

> *Патенти корро танҳо 1 маротиба ва ба муҳлати на бештар аз 12 моҳ дароз кардан мумкин асту халос.*

Дар ҳолати гум кардани патент ё вайрон шудани он Шумо метавонед ба отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) бо ариза барои гирифтани дубликат (нусхаи дуюм)-и патент муроҷиат кунед. Ба ариза ин ҳуҷҷатҳоро замима кардан лозим аст:

- шиноснома ва нусхаи он;
- корти муҳоҷират ва нусхаи он;
- ҳуҷҷатҳо оид ба пардохти маблағи патент (чекҳо ё расидаҳои пардохт).

**Робитаҳои муҳим:**

**Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области** (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград)
*www.78.мвд.рф/ms*
8 (812) 573-37-22, 8 (812) 573-30-02

- **отдел по вопросам трудовой миграции** (шуъбаи масъалаҳои муҳоҷират) (масъалаҳои корёбии қонунӣ (легалӣ) ва таҳияи ҳуҷҷатҳо):
Санкт-Петербург, кӯчаи Красного Текстильщика, х.15
Тел.: 8 (812) 318-06-38

**ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России»** (Корхонаи воҳиди давлатии федеролии «Хизматрасонии шиноснома-раводидӣ»)
191124, Санкт-Петербург, кӯчаи Красного Текстильщика, ҳ. 15, лит. А
Тел. 8 (812) 318- 01-22
*http://spb.pvsmvd.ru*

**Многофункциональные центры предоставления государственных услуг (МФЦ)** (Марказҳои бисёрчабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ – МБЧ);
Умури ягонаи маълумотдиҳии МФЦ (МБЧ):
8 (812) 573-90-00
Рӯйхати МФЦ (МБЧ)-и Санкт-Петербург: *https://gu.spb.ru/mfc/*

**ФГУП «Почта России» КВДФ-и «Почтаи Россия»**
*www.pochta.ru*
Ҳадамоти дастгирӣ: 8-800-2005-888

## МАНБАЪҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**«Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал»** («Муҳоҷирон ва муҳоҷират. Портали байниминтақавии иттилоотӣ») – маслиҳатҳо оид ба мутобиқат ва ҳимояи ҳуқуқҳои худ дар Сант-Петербург ва дигар минтақаҳои Россия *migrussia.ru*

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru** – «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!» («Хуш омадед ба Санкт-Петербург») – махзани интернетии Ҳукумати Санкт-Петербург барои муҳоҷирон.

**«МигрАзия+»** – замимаи мобилӣ барои муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО) ва СНГ (ИДМ) (барои Android)

---

Буклет «Миграционный учет и получение патента на работу в Санкт-Петербурге» (на таджикском языке)
Разработан БФ «ПСП-фонд»
Автор-составитель: Якимов А.Н.

БФ «ПСП-ФОНД»

ХУШ ОМАДЕД БА
**САНКТ-ПЕТЕРБУРГ!**



# БАҚАЙДГИРИИ МУҲОҶИРАТ ВА ГИРИФТАНИ ПАТЕНТИ КОР ДАР САНКТ-ПЕТЕРБУРГ

## БА ЁРИИ МУҲОҶИРИ КОРӢ

2018
2019

## БА ҚАЙДИ МУҲОҶИРАТ ГУЗОШТАН

Агар Шумо шаҳрванди хориҷӣ ҳастед ва ба Россия омада бошед, бояд **дар муҳлати 7 рӯзи корӣ** худро дар **қайди муҳоҷират (регистратсия)** гузоред.

Барои шаҳрвандони баъзе кишварҳо ин муҳлат дигар аст:

- барои шаҳрвандони давлатҳои аъзои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон ва Қирғизистон) – **30 рӯз**;
- барои шаҳрвандони Тоҷикистон – **15 рӯз**.

Дар он минтақа аз қайди муҳоҷират гузаштан даркор аст, ки он ҷо кору зиндагӣ мекунед. Метавонед дар биное, ки зиндагӣ мекунед ё дар манзиле, ки корфармо бароятон пешниҳод кардааст, худро ба қайд гузоред.

**Бояд дар хонае, ки воқеан зиндагӣ мекунед, сабти ном кард, вагарна Шуморо барои вайрон кардани режими муҳоҷират ба ҷавобгарӣ мекашанд ва ҷарима мебанданд!**

**Барои Шумо ин ҳуҷҷатҳо зарур мебошанд:**

- шиноснома;
- нусхаи шиноснома (саҳифаи якум ва саҳифае, ки сабти қайди гузаштан аз сарҳадро дорад);
- корти муҳоҷират;
- нусхаи корти муҳоҷират.

**Чӣ тавр бояд аз қайди баҳисобгирии муҳоҷират гузашт:**

**1)** Варақаи махсус-огоҳномаро дар бораи омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷойи зист **пур кардан даркор аст**. Намунаи онро аз сайти: *78.мвд.рф/ms* гирифтан мумкин аст.

Варақа-огоҳнома бепул аст:

- дар идораҳои минтақавии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград);
- дар марказҳои бисёрҷабҳаи пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ (МФЦ) - МБҶ;
- дар шуъбаҳои ФГУП «Почта России» (КВДФ Почтаи Россия).

Дар ҳарду қисми варақа бояд суроғаи ҷойи омада, маълумоти шахсии тарафи қабулкунанда ва шаҳрванди хориҷӣ сабт карда шаванд. Тарафи қабулкунанда дар варақа имзо мегузорад. Агар тарафи қабулкунанда ташкилот бошад, муҳр ва имзои роҳбари он гузошта мешавад.

**2)** Варақаро бо нусхаҳои шиносномаҳои шаҳрванди хориҷӣ ва шаҳрванди ФР (тарафи қабулкунанда) ва нусхаи корти муҳоҷират ба воситаи ФГУП «Почта России» (КВДФ «Почтаи Россия») ба Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) **фиристонидан** даркор аст.

Варақаро ба шуъбаи Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) додан бепул аст.

Ҳангоми бақайдгузорӣ дар баҳисобгирии муҳоҷирати МФЦ (МБҶ) варақа ба умури муҳоҷират аз тарафи кормандони маркази бисёрҷабҳа бе иштироки Шумо фиристонида мешавад.

**3)** Қисми буридашудаи варақаро бо қайди қабули ҳуҷҷат аз тарафи кормандони Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области, (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград), МФЦ (МБҶ) ё ФГУП «Почта России». («Почтаи Россия» **гирифтан лозим аст**.

Агар Шумо қоидаҳои даромадан ва режими будубош дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинградро вайрон кунед, Шуморо ҷарима ба маблағи аз 5 то 7 ҳазор рубл бо эҳтимоли рондан аз Россия ва манъи вуруд ба муҳлати 5 сол таҳдид мекунад (моддаи 18.8 қ.3 ва моддаи 19.27 қ.3 Кодекси ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии ФР).

Баъди гирифтани патенти кор муҳлати қайди баҳисобгирии муҳоҷиратро мунтазам дароз карда, маблағи онро пардохтан лозим аст!

## БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ПАТЕНТИ КОР

Ба шаҳрвандони СНГ (ИДМ) барои кор дар назди ҳам шахсҳои ҳуқуқӣ (ташкилоту муассиса ё соҳибкорони инфиродӣ), ҳам воқеӣ патенти корро ба расмият даровардан даркор аст.

**Барои шаҳрвандони ЕАЭС патенти кор лозим нест!**

**Патентро танҳо отдел по вопросам трудовой миграции УВМ ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области** (шуъбаи масъалаҳои муҳоҷирати Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) ба расмият медарорад, ки он **фақат дар ҳамон минтақаи ФР амал мекунад, ки он ҷо ба расмият даровара шудааст**.

*Таваҷҷуҳ намоед: Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград – инҳо 2 минтақаи гуногуни ФР мебошанд!*

Дар **муҳлати 30 рӯзи ба ФР омадан** барои гирифтани патент бояд ҳуҷҷат супурд, вагарна барои вайрон кардани муҳлати гирифтани патент ба маблағи аз 10000 то 15000 рубл ҷарима супоридан лозим мешавад.

**Танҳо бо он ихтисосе кор кардан мумкин аст, ки дар патент нишон дода шуда бошад.**

Ҳангоми кор ба ихтисоси дар патент сабтнашуда эҳтимоли ба маблағи аз 4000 то 7000 рубл ҷарима щудан мавҷуд аст.

**Барои барасмиятдарории патент чунин ҳуҷҷатҳо лозим мебошанд:**

- ариза барои гирифтани патент (варақаи ариза ва намунаи пур кардани онро бепул аз шуъбаҳои Управления по вопросам миграции ГУ МВД России (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) ё аз сайти *www.78.мвд.рф/ms*) дастрас намудан мумкин аст;
- шиноснома ва нусхаи шиноснома;
- маълумотнома дар бораи қайди баҳисобгирии муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он;
- тарҷумаи аз ҷиҳати нотариалӣ тасдиқшудаи шиноснома ба забони русӣ – дар идораи нотариалие, ки тарҷумон дорад, карда мешавад;
- корти муҳоҷират, ки мақсади ворид шудан «работа» (кор) нишон дода, санаи вуруд бо муҳр тасдиқ шуда бошад ва нусхаи он;
- хулосаи тиббӣ ва сертификат дар бораи набудани сирояти ВИЧ – дар муассисаи махсуси тиббӣ баъди гузаштан аз муоинаи тиббӣ дода мешавад;

  Шаҳрвандони Тоҷикистон инчунин вазифадоранд, ки маълумотномаи шакли 086 пешниҳод кунанд.
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС) – (СИТ);
- ҳуҷҷати тасдиқкунандаи донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия;

  Барои фаҳмидани санҷиши тестӣ ва мустақилона тайёр шудан ба он сайти «Российский тестовый консорциум» *http://testcons.ru* ёрӣ мерасонад. Шумо метавонед аз санҷиши озмоишӣ гузаред ва сатҳи донишатонро муайян намоед.
- квитансия (расид)-и пардохти маблағи патент ба миқдори 3800 рубл (НДФЛ). Маблағро дар ҳар шуъбаи Сбербанк РФ (Бонки амонатии ФР) бо реквизитҳои ГУ МВД России (Сарраёсати ВКД Россия) гузаронидан мумкин аст.

Дар Санкт-Петербург ягона ташкилоте, ки патенти корро ба расмият медарорад ФГУП «Паспортно-визовый сервис» (Корхонаи воҳиди давлатии федеролии «Хизматрасонии шиносномa-раводидӣ») мебошад. Хизматрасонии ширкат пулакӣ аст.

Ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани патент **фақат ШАХСАН** пешниҳод кардан мумкин аст. Патент дар муҳлати 10 рӯзи корӣ аз вақти пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ тайёр карда мешавад.

Дар бораи тайёр шудан ва қонунӣ будани патенти кор Шумо аз сайти расмии Управления по вопросам миграции ГУ МВД России по Санкт-Петербургу и Ленинградской области (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати РШ ВКД Россия дар Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград) маълумот гирифта метавонед: *www.78.мвд.рф/ms.*